# ТАҲЛИЛИ БАДЕӢ ВА УСЛУБИИ РОМАНИ «АБӮАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ»-И АҲМАД АБДУЛЛОЕВ

**Рахмонова Мавлуда Сувон қизи**
*ДТПИ. Омӯзгори кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ*
Email: mavludaraxmonova902@gmail.com
**Норқулова Дурдона Ҷамшид қизи**
*Донишкадаи соҳибкорӣ педагогикаи Деҳнав факултети педагогика равияи таҳсилоти ибтидоӣ донишҷӯи соли дуюми гурӯҳи 108-БТ*
Email: norqulovadurdona@gmail.com
*Телефон: +998 99 598 06 99*

**Аннотация.***Мақолаи мазкур ба таҳлили романи таърихиву бадеии Аҳмад Абдуллоев - «Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ» бахшида шудааст. Дар мақола муҳтавои асосӣ, ғояи марказӣ ва арзиши таърихиву фалсафии роман баррасӣ мегардад. Нависанда бо такя ба манобеи таҳқиқӣ, хусусан «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ, муҳити сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давраи Сомониёнро бо дақиқӣ эҳё мекунад. Тасвири симои Рӯдакӣ ҳамчун рамзи хирад, озодфикрӣ, инсондӯстӣ ва ҳомии маърифат аз мавзуъҳои меҳварии таҳлил аст . Мақола хулоса медиҳад, ки роман на танҳо як бозофарии бадеии шахсияти Рӯдакӣ, балки асаре дорои аҳамияти таърихӣ, фарҳангӣ ва тарбиявӣ мебошад, ки хонандаро ба муҳити тамаддуни Сомониён наздик месозад.*

**Вожаҳои калидӣ:** *Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Аҳмад Абдуллоев, Сомониён, Наршахӣ, Муниса, Айёр, Балъамӣ, хирадгароӣ, озодфикрӣ, маърифат, муҳити адабӣ, бедории фикрӣ, фарҳанги тоҷик, адабиёти муосир.*

**Annotatsiya.** *Mazkur maqola Ahmad Abdulloyevning tarixiy-badiiy romani“Abuabdullohi Rudakiy” tahliliga bag‘ishlangan. Unda asarning asosiy mazmuni,markaziy g‘oyasi hamda tarixiy-falsafiy ahamiyati ko‘rib chiqiladi. Muallif,ayniqsa Narshaxiyning “Buxoro tarixi” asariga tayangan holda, Somoniylar davrining siyosiy, ijtimoiy va madaniy muhitini aniq va ishonarli tarzda qayta yaratadi. Rudakiyning siymosi aql, erkin fikrlilik, insonparvarlik va ma’rifat homiysi sifatida tasvirlangan bo‘lib, bu tahlilning markaziy mavzularidan biridir.Maqolada xulosa qilinishicha, roman nafaqat Rudakiyning badiiy obrazini qayta yaratgan asar, balki tarixiy, madaniy va tarbiyaviy ahamiyatga ega bo‘lgan yodgorlikdir. U o‘quvchini Somoniylar uyg‘onish davri muhitiga yaqinlashtiradi.*

**Kalit so‘zlar:** *Abuabdullohi Rudakiy, Ahmad Abdulloyev, Somoniylar,Narshaxiy, Munisa, Ayyor, Bal’amiy, aqllilik, erkin fikrlilik, ma’rifat, adabiy muhit, fikriy uyg‘onish, tojik madaniyati, zamonaviy adabiyot*

**Аннотация**. *Статья посвящена анализу историко-художественного романа Ахмада Абдуллоева «Абуабдуллохи Рудаки». В работе рассматриваются основное содержание, центральнидея и историко-философская ценность романа.Автор, опираясь на исследовательскиеисточники, особенно на «Историю .Бухары» Наршахи, с точностью воссоздаёт политическую, социальную и культурную атмосферу эпохи Саманидов. Образ Рудаки представлен как символ мудрости, свободомыслия, гуманизма и покровительства просвещению - одна из ключевых тем исследования. В статье делается вывод, что роман является не только художественным воплощением личности Рудаки, но и произведением с важным историческим, культурным и воспитательным значением, приближающим читателя к среде цивилизации Саманидов.*

**Ключевые слова:** *Абуабдуллохи Рудаки, Ахмад Абдуллоев, Саманиды, Наршахи, Муниса, Айёр, Балъами, мудрость, свободомыслие, просвещение, литературная среда,духовное пробуждение, таджикская культура, современная литература.*

**Annotatsion** *This article explores Ahmad Abdulloyev’s historical-literary novel Abuabdullohi Rudaki. It analyzes the work’s essential themes, core ideas, and its broader historical and philosophical value. Drawing particularly on Narshakhi’s History of Bukhara, the author skillfully recreates the political, social, and cultural landscape of the Samanid period with clarity and authenticity. Rudaki is depicted as a figure embodying intellect, free thought, humanism, and enlightenment — a central focus of the study. The article concludes that the novel serves not only as a literary reimagining of Rudaki’s persona, but also as a significant historical, cultural, and educational contribution, allowing readers to experience the intellectual spirit of the Samanid Renaissance.*

**Keywords:** *Abuabdullohi Rudaki, Ahmad Abdulloyev, Samanids, Narshakhi, Munisa, Ayyor, Bal’amiy, wisdom, free thinking, enlightenment, literary environment, intellectual awakening, Tajik culture, modern literature.*

## МУҚАДДИМА

Бойсунро диёри мардхезу маърифатпарвар мегӯянд. Ин куҳандиёри кӯҳистон бисёр бузургонро ба камол расонидааст, ки дар пешрафтимаданияту маърифат саҳми босазо гузоштаанд ва мегузоранд. Аз шуморичунин ашхос метавон номи доктори илмҳои филологӣ, профессор Аҳмад Абдуллоевро ба забон бурд. Ӯ 15 марти соли 1936 дар деҳаи Бибиширини ноҳияи Бойсун дар оилаи мударрис таваллуд ёфтааст. Баъди хатми мактаб бафакултети филологияи Донишкадаи омӯзгории Душанбе дохил шуда, онро бомуваффақият хатм мекунад. Солҳое муаллимӣ карда, шавқи

омӯзиш, ҷозибаи каломи бадеъ, иштиёқи чидани гуҳарҳои гаронбаҳои баҳри бекарони адабиёти форс-тоҷик ӯро ба шаҳри Ленинград раҳнамун сохт. Дараспирантураи донишгоҳи давлатии ин шаҳр таҳсил намуд, таҳти роҳбарии олими шинохта А.Н.Болдирев дар мавзӯи «Ҳаёт ва эҷодиёти Адиб СобириТирмизӣ» рисолаи номзадӣ ҳимоя кард. Дар Институти забон ва адабиёти баноми Рӯдакии АФ Тоҷикистон кор кард, ҳамзамон дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ва Донишкадаи омӯзгорӣ ба толибилмон асрори илми адабиётро омӯхт. Соли 1983 дар мавзӯи «Масъалаҳои жанр ва услуб дар лирикаи адабиёти форсӣ-тоҷикии нимаи аввали қарни XI» рисолаи докторӣ ҳимоя намуд. Рисола аз тарафи ҳайати шӯрои илмӣ пешниҳод шуд, ки чун китоби таълимӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ ва аҳли илм нашр карда шавад. Абдуллоев солҳои 1990-1995 мудири кафедраи забону адабиёти тоҷики Донишгоҳи кишоварзии Тоҷикистон буд. Бо даъвати маъмурияти Донишгоҳи давлатии Тирмиз ба ин ҷо омад ва то ба нафақа ба ҳайси профессор ба донишҷӯён сабақ дод. Олими заковатманд то поёни умр садҳо мақола ва бисёр асарҳои гаронбаҳо таълиф намуд. Дар рисолаҳои ӯ «Адиб Собири Тирмизӣ» (1969), «Заҳири Форёбӣ» (1974), «Адабиёти форс тоҷик дар нимаи аввали асри XI» (1979) баробари тадқиқи ҳаёт ва эҷодиёти як зумра шоирони асрҳои XI-XII ҷараёни адабии ин қарнҳо, масъалаҳои жанру услуби лирика,майлҳо ва равияҳои адабӣ, хусусиятҳои халқию демократӣ ва оҳангҳо деҳқонӣ»-и назм, моҳияти адабиёти дарборӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтаанд. Аҳмад Абдуллоев дар мақолаҳояш низ бештар ба масъалаҳои назарии адабиёти классикии форс-тоҷик: масъалаҳои инкишофи жанрҳо, сабкҳо, Аз ҷумла, дар ва майлҳои реалистӣ» (1979), «Сино ваОлими дақиқкор дар таҳияи матнҳои оммавӣ ва илмию интиқодӣ низ саҳми арзанда гузоштааст. Аз ҷумла, Адиб Собири Тирмизӣ «Ашъори мунтахаб» (1965), «Осори мунтахаб» (1981), Аҳмади Дониш «Осори баргузидаи бадеъ» (1976), «Сабақи Рӯдакӣ» (1984, 1991) ва ғайра далели ин гуфтаҳост. Асарҳои илмиву адабӣ ва илмиву бадеии ӯ «Адиб Собири Тирмизӣ», «Абулқосим Фирдавсӣ», «Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ» ва «Носири Хусрави Қубодиёнӣ» аз соҳирқаламии муаллиф шаҳодат медиҳанд. Олим инчунин дар таълифи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ низ саҳм гирифтааст. Бахусус китоби «Адабиёти синфи IX» дар тамоми мактабҳои тоҷикии ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қирғизистону Қазоқистон аз тарафи омӯзгорону хонандагони сершумор хуш пазируфта шуд. Бояд тазаккур дод, ки ин китоб бо як диди баланди олимона ва педагогӣ таълиф гардидааст.

## МЕТОДҲО ВА ТАҲЛИЛИ АДАБИЁТ

Адабиёти муосири тоҷик дар даҳсолаҳои охир ба омӯзиш ва бозофарии чеҳраҳои барҷаста ва решаҳои таърихиву фарҳангии миллат бо ҷиддият рӯ овардааст. Дар ин росто, романи таърихию бадеии Аҳмад Абдуллоев - «Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ» аз муҳимтарин асарҳое мебошад, ки ба хонанда имкони дарк ва шинохти амиқи

зиндагӣ, ҷаҳонбинӣ, муҳит ва симоиилҳомбахши асосгузори адабиёти классики тоҷик - Рӯдакиро фароҳам меорад. Ин роман на танҳо ҷилваи ҳунари нависанда, балки талоши илмӣ ва ҳунарии ӯ дар эҳёи симои пурнуқтаи шоири асри Х мебошад.Асар ба хонанда на танҳо зиндагиномаи шоирро пешкаш мекунад,балки муҳити сиёсӣ, иҷтимоӣ, адабӣ ва фарҳангии давраи Сомониёнро бодақиқии образи Рӯдакӣ масъалаҳои хирадгароӣ, озодфикрӣ, ваҳдат, мубориза маърифат ва қудрати сухани нобро матраҳ менамояд.

Мавзӯи марказии роман - хирадгароӣ, арзиши сухан, мақоми шоир дар ҷомеа, ва нуқши адаб дар бедории фикрӣ ва маънавии миллат мебошад.Муаллиф дар ин романи тадқиқотии худ барои боз ҳам равшантар тасвир кардани симои Рӯдакӣ ва вазъияти сиёсии ҳамон давр аз асари таърихии ҷараёнҳои адабӣ, таърихият ва таҳаввули шеър диққат медиҳад. мақолаҳои «Романтизми устувор равияҳои назми замони ӯ» (1980), «Соҳибқирони шоирӣ» (1982), «Оғози шеъри тоҷик» (1983) ва ғайра ба масъалаҳои мазкур таваҷҷуҳ зоҳир кардааст.Ғояи марказии асар аз он иборат аст, ки барои миллат хирад, маърифат, озодфикрӣ ва сухани покдорӣ асоси пойдорӣ ва рушд мебошанд. Рӯдакӣ дар роман рамзи инсонест, ки бо қудрати сухан ҷаҳони ботинии мардумро ба нури маърифат раҳнамоӣ мекунад.

Қисмати бузурги арзиши роман дар он аст, ки муҳити таърихии асри Х бо таҳқиқи дақиқ ва воқеияти таърихӣ эҳё мешавад. Давраи Сомониён, махсусан ҳукмронии амир Исмоили Сомонӣ, ҳамчун давраи эҳёи илму фарҳанг, ҷӯшишҳои сиёсӣ ва ташаккули ҳувияти тоҷикӣ ҷилвагар мегардад.

**МУҲОКИМА ВА НАТИҶАҲО**

Нависанда муҳити иҷтимоиро бо се ҷанба равшан нишон медиҳад:

1. Дарбор ва элитаи сиёсӣ - ки маркази қарорҳои муҳим, муносибатҳоисиёсӣ ва сарнавишти адибон мебошад.

2. Муҳити фарҳангӣ ва адабӣ, ки дар он сарояндагон, шоирон ва донишмандон фаъолияти густурда доранд.

3. Гурӯҳҳои муқобили фикрӣ - зоҳидон ва ҳасудон, ки озодфикриро таҳаммул намекунанд ва бар зидди аҳли маърифат мубориза мебаранд. Шаҳри Бухоро дар нақши маркази фарҳангӣ бо бозорҳои илмӣ,маҳфилҳои шеърӣ, китобхонаҳо, дарбори амир ва вуҷуди шахсиятҳои дорои зеҳни баланд бо шеваи бадеӣ тасвир мешавад. Аҳмад Абдуллоев муҳити адабии давраи Сомониёнро бо тафсил ба хонанда муаррифӣ мекунад. Дар асар ҷузъиёти нақши шоирон дар дарбор, маҳфилҳои адабӣ, мубоҳисаҳои илмӣ ва муносибати элитаи сиёсӣ ба аҳли адаб бо равшанӣ нишон дода мешавад. Махсусан дар дарбори амир байни шоирон мубоҳисаҳо хело бисёр мешуданд. Дар ин хусус Аҳмад Абдуллоев дар асари худ якчанд намунаҳо овардаанд. Аз ҷумла, рӯзе Шаҳиди Балхӣ ва Фароловӣ бо ҳам мубоҳиса мекунанд ва гӯё ки шунавандагон Шаҳиди Балхиву Фароловиро бо ҳам

муқоиса мекарда бошанд. Аз ин ҳол Рӯдакӣ ба хавотир меояд ва чунин мегӯяд: “ - Дӯстон! Ин мубоҳиса ҳеҷ маънӣ надорад, Шаҳиду Фароловӣ, - ҳар ду шоирони забардаст ҳастанд. Ба якдигар тарҷеҳ ниҳодани онҳо носавоб аст. Ба назари ман, ҳар ду дар шеър истеъдоди тавоно доранд ва ба ҳамдигар баробаранд. Ман мисли шеърҳои ин ду тан сухани хубу хуш камтар мебинам, хоса шеърҳои ҳоло шунидашудаи онҳо, чунонки дидед, дилҳоро ба шӯру ҳаяҷон овард. Барои сухани устодона ва шеъри поки Сомонӣ, - Рӯдакӣ фикрашро ҷамъбаст карда даст бардошта ва дар тавсифи Шаҳиду Фароловӣ гуфт:

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

1. Абдуллоев А. Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. – Тошканд: Ӯзбекистон миллий энциклопедияси, 2013.

2. Наршахӣ А. Таърихи Бухоро. – Душанбе: Дониш, 1991.

3. Назарзода А. Адабиёти тоҷик дар асрҳои IX–X. – Душанбе: Ирфон, 2016.

4. Худоӣ Шарифзода, Мисбоҳиддини Нарзиқул. Таърихи адабиѐти тоҷик (аз аҳди қадим то оғози асри XIII). Китоби дарсӣ барои донишҷӯѐни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. - Душанбе: ЧДММ – ТоРус‖, 2017.

5. Забеҳулло Сафо. Таърихи адабиѐт дар Эрон ва дар қаламрави забони порсӣ. Ҷилди 2.- Душанбе: Нашриѐти Деваштич, 2003. – 324с.(

6. Zabihullah Safo. – History of Literature in Iran and the Persian-speaking World‖. Vol. 2. – Dushanbe: Devastich Publishing House, 2003. – 324 pages).